ФАРМОИШИ
РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ
НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“29” 06 соли 2023 №171/ди шаҳри Душанбе

*Дар бораи рад кардани додани дараҷаи илмӣ*

Мутобиқи сархати 17 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, № 270), бандҳои 7, 108 ва 116 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА–001 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 10 апрели соли 2023, № 64/06 “Дар бораи ба Музафарзода Фазлиддин додани дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ” бинобар риоя нагардидани талаботи банди 54 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) бекор ва дар ин асос, дархости шуро рад карда шавад.
2. Баррасии такрории диссертатсияи номбурда тибқи муқаррарот дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шавад.
3. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Азизӣ М.М.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан, нусхаи фармоиши мазкурро дар сомонаи Комиссия ва дар парвандаи аттестатсионии довталаб ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 июни соли 2023, № 7.

Раис Розиқзода А.